АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №1, 2015

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №1, 2015

УДК: 32 тоҷик +9 тоҷик КАРАМАЛИШОЕВ К.Н. [1]

# ДИДИ АКАДЕМИК Б.И. ИСКАНДАРОВ ДОИР БА МАСОИЛИ ПАЙДОИШИ МУНОСИБАТҲОИ САРМОЯДОРӢ ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ

Дар нимаи дуюми асри XIX Осиёи Марказӣ ба мустамликаи империяи Россия табдил меёбад ва бо дахолату сиёсати мустамликадории Россияи подшоҳӣ дар ин сарзамин элементҳои нахустини муносиботи сармоядорӣ (буржуозӣ) ба вуҷуд меоянд. Ин равандро яке аз олимони барҷастаи илми таърихи замони Шуравӣ Баҳодур Искандаров дар асари худ бо унвони «Аз таърихи ҷоришавии муносибатҳои капиталистӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистони тоинқилобӣ (дар нимаи дуюми асри XIX)», ки соли 1976 нашр шудааст, бо далелҳои сершумор оид ба тағйиротҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии мардумони Осиёи Марказӣ таҳлил намудааст. Мақолаи мазкур низ дар партави ин асари олим ба қалам дода шудааст ва муҳтавои он нишон додани муҳиммияти мавзуи баррасишуда мебошад, зеро ҷомеаи инсонӣ ҳамеша дар рушду нумӯъ қарор дорад ва доимо давраи гузаришро аз як шакли ҳаёти ҷамъиятӣ ба шакли дигар аз сар мегузаронад. Дар мақола далелҳои асосии нишондиҳандаи аломатҳои пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ дар ҳудуди Тоҷикистони тоинқилобӣ оварда шудаанд. Муаллифи мақола ба ғайр аз ин асар аз асарҳои дигари олим ва инчунин асарҳои муҳаққиқони таърихи кишвари мо истифода карда, масъалаи мазкурро то андозае равшан намудааст. Ҳамчунин дар ин мақола доир ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа сухан меравад. Кӯшиш ба харҷ рафта, ки муҳтавои асосии масоили аз тарафи олим дар асар таҳқиқшуда нишон дода шавад.

Дар кор фаъолияти бонкҳои русиягӣ, сохтмони роҳи оҳан, фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва ширкатҳои русӣ, воридшавии сармоя ба соҳаи кишоварзӣ ва дигар омилҳо оварда шудаанд, ки аломатҳои асосии бавуҷудоии муносибатҳои сармоядорӣ дар ҳудудҳои имрӯзаи Тоҷикистон ба шумор мерафтанд. Инчунин муаллиф ба муҳиммияти мавзӯъ таваҷҷуҳ карда, онро дар мақола ба таври фишурда овардааст.

**Калидвожаҳо:** сармоядорӣ, бонк, миёнарав, пахта, ҳунармандӣ, тиҷорат, хоҷагӣ, иқтисод, сотсиализм, қарз, ҷомеа, саноат, сармоя, кишоварзӣ, нақлиёт.

Академик Б.И. Искандаров яке аз олимони барҷастаи илми таърихи замони шӯравии Тоҷикистон ба шумор меравад. Вай маводи гарони илмию таҳқиқотии инъикоскунандаи ҷиҳатҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ - иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷикро аз худ мерос гузоштааст. Дар асарҳои таърихии худ устод ақидаашро дар бораи бавуҷудоии муносибатҳои нави ҷамъиятию иҷтимоӣ, яъне сармоядорӣ дар ҳудуди

[1] **Адрес для корреспонденции.** Карамалишоев Карамалишо - старщий преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин и развития личности ТУТ, 734063 Республика Таджикистан г. Душанбе, ул. Н.Карабоева 63/1. тел. 91 110 05 49.

Бухорои Шарқӣ баррасӣ кардааст. Ин яке аз масъалаҳои муҳимми таърихию сиёсии на танҳо Бухорои Шарқӣ балки тамоми Осиёи Марказӣ мебошад. Чунончи, дар солҳои 50-60 садаи XX байни олимони соҳаҳои мухталифи ҷомешиносӣ ақидае мавҷуд буд, ки халқи тоҷик ва умуман Осиёи Марказӣ, муносибатҳои ҷомеаи сармоядориро аз сар нагузаронидааст. Мардумони Осиёи Марказӣ пас аз устувор шудани Давлати Шуравӣ аз феодализм яку якбора ба сотсиализм гузаштаанд, ки ин раванди мушкили гузариш ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин замон барои таҳқиқу исботи ҳақиқати воқеъоти таърихӣ, соли 1976 Б.И. Искандаров монографияро таҳти унвони «Аз таърихи ҷоришавии муносибатҳои капиталистӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистони тоинқилобӣ (дар нимаи дуюми асри XIX)», дар ҳаҷми 143 саҳ., ба табъ мерасонад.

Монография ба рушди иқтисодии тоинқилобии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он зимни баррасии масоили мухталифи таърихи Бухорои Шарқӣ, аз ҷониби муаллиф масъалаи таснифи иқисодиёти ноҳияҳои водӣ ва кӯҳии Тоҷикистони тоинқилобӣ маълумот дида мешавад ва дар таҳқиқи ин масъала сарчашмаҳои навтаре ба кор бурда шудаанд. Бо дарназардошти хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию этникӣ масъалаи пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ дар бекигариҳои ҷудогонаи аморати Бухоро ва Тоҷикистони Шимолӣ, ки дар сатҳи мухталифи рушди иқтисодӣ - иҷтимоӣ қарор доштанд, таҳқиқ карда мешавад.

Муаллиф қайд мекунад, ки новобаста аз сиёсати иртиҷоии Русия ва монеаҳои феодализми Бухоро ва минтақа дар иқтисодиёти навоҳии мазкур капитали русӣ бо тамоми нерӯ дохил шудан мегирад.

Дар ибтидо доир ба аз тарафи Русияи подшоҳӣ забт гардидани Осиёи Марказӣ ва ба ҳайати империяи Русия дохил кардани ин сарзамин ва рушду инкишофи иқтисодиёту тиҷорат дар ин минтақа, аз ҷумла дар мулкҳои гуногуни аморати Бухоро мухтасар маълумот дода шудааст. Дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистони тошӯравӣ масъалаи пайдоиши муносибатҳои капиталистӣ аз ҷониби олим махсусан дар қисмҳои охири кор (инкишофи иқтисод ва тиҷорат дар аморати Бухоро, бавуҷудоии муносибатҳои сармоядорӣ дар иқтисоди Тоҷикистони тоинқилобӣ, генезиси (пайдоиши) сармоядорӣ дар Тоҷикистон) маълумотҳои ҷолиб оварда шудааст.

Акнун мухтасаран дар гирди онҳо чанд ҷиҳатҳои масъалаи пайдо шудани муносибатҳои сармоядорӣ дар Бухорои Шарқӣ мавқуф мекунем.

То забти Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ давлатҳои мустақили феодалӣ - Аморати Бухоро, хонигариҳои Қӯқанд ва Хева ва мулкҳои ниммустақили феодалӣ ба мисли Китоб, Шаҳрисабз, Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз, Вахон, Шуғнон, Рушон ва ғайра бо муносибатҳои кӯҳнаи феодалӣ ва хоҷагиҳои натуралӣ ҷомеаи худро пеш мебурданд. Аммо пас аз манъи ҳуқуқи крепостноӣ яъне, баъди ислоҳоти деҳқонии соли 1861 худи империяи Русия ҳамон вақт роҳи капиталистии рушди минбаъдаи ҷомеаро пеш гирифт. Ҳамин тариқ пас аз истилои Осиёи Марказӣ дар ин минтақа тамоми вилоёт низ ба ин муносибати нави ҷамъиятӣ қадам мегузоранд ва капитализм ё худ муносибатҳои пулию молӣ бо маром арзи вуҷуд мекунанд. Бо таъсири ин омил ва аслан аз аввали асри XX (то инқилоби Сотсиалистии Октябри соли 1917-и Русия), дар Осиёи Марказӣ бисёр хоҷагиҳо аз тарзи хоҷагидории натуралӣ даст кашиданд. Масалан, водии Фарғона ва вилоятҳои пахтакори аморати Бухоро дигар хоҷагии натуралӣ шумурда нашудаанд ва дар онҳо муносибатҳои нав - сармоядорӣ

арзи ҳастӣ намуданд. Яъне дар соҳаи кишоварзӣ, дар хоҷагии деҳқонон ва заминдорони калон минбаъд пахтакорӣ соҳаи муҳим ба шумор рафта, пахтаро бошад маҳз барои фурӯхтан истеҳсол мекарданд. Аз ин бар меояд, ки дар минтақа муносибатҳои пулию молӣ ва бонкӣ пайдо шуданд. Чӣ тавре ки маълум аст, яке аз сабабҳои ба Осиёи Марказӣ сар даровардани империяи Русия, ин ба даст овардани ашёи хом – пахта буд. Аз ин сабаб баъди мустаҳкам шудани мавқеи империя дар Осиёи Марказӣ пахтакорӣ соҳаи афзалиятнок ба шумор рафта, тамоми хоҷагиҳои деҳқонӣ ба рушди он таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барои васеъ кардани он ҳавасманд буданд. Ин раванд барои васеътар шудани доираи таъсиру рушди муносибатҳои сармоядорӣ дар манотиқи дигари Бухорои Шарқӣ ва Помир сабаби асосӣ гардид. Ҳамин тариқ муносибатҳои сармоядорӣ дар навоҳии дурдаст низ нишонаҳои худро зоҳир кардан мегиранд.

Ин равандро таҳқиқ карда, ҳамаи ин омилҳоро ба назар гирифта, академик Б.И. Искандаров дар китоби худаш собит кардааст, ки баъди ба ҳайати империяи Русия дохил кардани Осиёи Марказӣ, дар ин ҷо воридшавии молҳои русӣ боз ҳам зиёдтар шуд. Дар баробари ин, сармояи русӣ барои бавуҷудоӣ ва васеъ гардидани муносибатҳои тиҷоратӣ ҳарҷӣ бештар мусоидат намуд. Ҳамчунин мулкҳои дурдасти Бухорои Шарқӣ низ ба муносибатҳои молию пулӣ ворид карда мешуданд. Дар солҳои 90 садаи XIX дар натиҷаи ин гуна равандҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва махсусан, бо сохтан ва пайваст гардидани роҳи оҳани Осиёи Марказӣ бо роҳи оҳани умумирусиягӣ ва иқтисодиёти мулкҳои ин кишвар бо марказҳои саноатии Русия, рушди муносбатҳои нави ҷамъиятӣ-сармоядориро боз ҳам айёнтар гардонданд.

Бо сохтмони хати роҳи оҳани пайвасткунандаи кишвари Закаспий бо Самарқанд ва баъдан бо Тошканд тавассути ҳудудҳои нисбтан азхудкардаи Бухоро дар соли 1888 дар мамлакат таъсири минбаъдаи сармояи русӣ пурқувват шуд. Дар натиҷа доду гирифти молӣ миёни Бухоро ва Россия яку якбора афзуд [3]. Ин амал саноатчиёни Русияро ҳавасманд кард ва ба онҳо имкон дод, ки ашёи хоми нимтайёри Осиёи Марказиро соҳиб шаванд ва моли саноатиро тавлид карда, аз он фоида ба даст оранд. Бо мақсади ба даст овардани нахи пахта Русия дар шаҳрҳои калони ин сарзамин заводҳои пахтатозакуниро сохт (дар як худи Аморати Бухоро то соли 1913, 26-то заводи пахтатозакунӣ сохта шуда буд). Бинобар ин минбаъд пахтаи истеҳсолшудаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар худи ҳамин ҷо, дар заводҳои пахтатозакунӣ тоза карда шуда, танҳо нахи пахта ба марказҳои саноати бофандагии Русия фиристода мешуд. Ин ҳама сабабгори ба вуҷудоӣ ва афзудани заводҳои пахтатозакунӣ, равғанкашӣ ва ғайра мегардид. Воридшавии молҳои саноатӣ, истеҳсолоти косибӣ, яъне саноати дастиро хароб намуда, молҳои косибону ҳунармандонро аз бозорҳо танг карда баровард.

Хонигариҳои Қуқанд, Хева ва аморати Бухоро дар арафаи ба ҷомеаи сармоядорӣ қадам гузоштан дар истеҳсолоти худ танҳо истеҳсолкунандагони хурди хоҷагии деҳқонон ва ҳунармандону косибонро доштанду халос. Дар ин шароит шаклҳои истеҳсолот ва хоҷагиҳо, махсусан деҳқонон аз сабаби маҳдудияти имкониятҳояшон, хоҷагии худро бе қарзи бонкӣ аз империяи Русия пеш бурда наметавонистанд. Алакай соли 1894 шуъбаи Бонки давлатӣ дар Бухорои нав кушода мешавад ва то соли 1915 дар пойтахти Аморати Бухоро шаш шуъбаи бонкҳои хусусӣ бо маблағи умумии 20 млн. рубл ва

шабакаи васеи агентҳо кушода шуда, фаъолият мекарданд [3,18]. Бонҳои зерини Русия дар Осиёи Марказӣ фаъолият мекарданд: «Бонки русии тиҷорати хориҷӣ», «Бонки Русу-Азов», «Бонки Азову-Дон», «Бонки тиҷоратии Сибир», «Бонки ҳисобу қарзии Москва» ва ғайрҳо.

Бештар дар ҳудуди аморати Бухоро ва хонигариҳо судхӯрон амалиёти пулиро ба роҳ монда буданд. Ҳамин тариқ, дар асоси фаъолияти судхурӣ деҳқонон маҷбур буданд, ки барои гирифтани қарз аз бонкҳо ба судхӯрони маҳаллӣ муроҷиат намоянд. Маълум аст, ки судхӯрон қарзро бо фоизи баланд ва шартҳои вазнин ба деҳқонон медоданд. Ин гуна фаъолият ба ҳамаи банкҳои он замон амалкунанда хос буд. Б.И. Искандаров ин проблемаро ба инобат гирифта, дар кори худ таъкид намуда, ки дар соҳаи кишоварзӣ низоми қарздиҳӣ бештар шакли судхӯриро дошт ва он барои истеҳсолкунандагон хело харобиовар буд. (3,34) Муҳаққиқ дар ин ҷо далолҳоро (миёнаравҳо) дар назар дорад, ки ҳангоми додани қарз онҳо шартҳои қарзгириро боз ҳам вазнинтар мекарданд. Аз солҳои 80-уми асри X1X ва минбаъд чунин амалиёти қарздиҳӣ ташаккул ва хеле инкишоф ёфта буд.

Олим дар таҳқиқоташ овардааст, ки дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистони тоинқилобӣ дараҷаи инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ – сармоядорӣ хеле мухталиф буд. Чунончи, дар ноҳияҳои Тоҷикистони Шимолӣ, ки онҳо дар тобеияти кишвари Туркистон дохил мешуданд, муносибатҳои капиталистӣ хубтару тезтар рушд ёфта буданд. Дар дигар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза, бахусус қисмҳои дар ҳайати аморати Бухоро буда, муносибатҳои капиталистӣ нисбатан суст иикишоф мекарданд [3, 66].

Империяи Русия чӣ тавре маълум аст, бо чанд сабабҳои асосии ба забт кардани Осиёи Маркази, шуруъ кард, ки ҷумла:

1) Кӯшиши ҷубронкунии талафот ва шикасти худ (Русия) дар ҷанги Қрим;

2) Муқобилияти Англия ва Русия дар Шарқи Наздик ва Марказӣ, ва мақоми стратегии онҳо;

3) Баҳонаи асосии ба Осиёи Минёа сар даровардани Русия ин инкишофи иғтисодии пас аз ислоҳотӣ буд (Осиёи Маркази – ҳамчун бозор ва сарчашмаи ашёи хом);

4) Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1862-1865 дар ИМА ва то 90% кам шудани содироти пахта ба Аврупо. Саноати бофандагии Русия асосан бо ин пахта кор мекард, ки дар натиҷа ба касодӣ ру ба ру шуд. Аз ин истифода карда тоҷирони Осиёи Марказӣ нархи пахтаро гарон карданд. Зарурати забти Осиёи Марказӣ ба миён омад ва барои ин буржуазияи рус ба Николаи I муроҷиат намуд. Зеро он ҳамчун сарчашмаи мусоиди ашёи хом буд. Ҳамин тариқ тавваҷҷӯҳи кишварҳои империалистӣ ба забти ин минтақаи калон меафзояд.

Мақсади асосии кишварҳои қудратманд (Англия, Русия) ин ба макони ашёи хом – пахта (ва дигар захираҳои табиӣ) табдил додани ин сарзамин ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, дар аксар вилоёти пахтакори Осиёи Марказӣ, қариб тамоми заминҳои обӣ бо кишти пахта фаро гирифта буд. Ин боиси эрозияи замин аз сабаби кишти якнамудии зироат (монокултура) мешавад. Дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза дар он вақт дар уезди Хуҷанд бештар пахтакорӣ инкишоф ёфта буд. Агар соли 1896 дар ин мулк дар 1886 десятина пахтаи навъи америкоӣ ва 902 десятина пахтаи навъи ҷойдорӣ, яъне ғӯза кишт карда бошанд, пас соли 1916 ҳамагӣ 9319 десятина пахтаи навъи

америкоӣ ва 555 десятина ғӯза кишт кардаанд [8]. Аз ин бар меояд, ки аз як тараф пахтакорӣ инкишоф ёфтааст ва аз тарафи дигар пахтаи навъи америкоӣ зуд дар хоҷагиҳои Осиёи Марказӣ бартарятро соҳиб мешавад. Аз соли 1882 ба кишти ин навъи пахта дар заминҳои Осиёи Марказӣ оғоз намудаанд ва ин таҷрибаи сеюм буд.

Бояд қайд намуд, ки Б.И. Искандаров дар ин асари худ бисёр далелҳои боварибахш овардааст. Ин далоил барои исботи ҳавасмандии ҳақиқии деҳқонон барои кишти пахта, бахусус пахтаи навъи амрикоӣ муҳиманд. Барои мисол, агар деҳқонони он давра аз як десятина кишти ғалла аз 28 то 85 сӯм даромад гиранд, пас аз ҳамин миқдор замини пахта то 112 сӯм даромад мегирифтаанд [7]. Ё худ мувофиқи далели дигаре, ки дар асари номбурда оварда шудааст, соли 1908 даромади софи як десятина кишти пахта ҳатто 179 сӯму 64 тинро ташкил додааст. Ҳол он ки аз як десятина кишти шолӣ – 74-сӯму 07 тин, ҷугорӣ – 35 сӯму 09 тин, арзан – 50 сӯму 04 тин, ғаллаи заминҳои обӣ – 39 сӯму 06 тин, ғаллаи заминҳои лалмӣ – 14 сӯму 09 тинро ташкил менамудааст [8, 153-156].

Соли 1880 бо мақсади тезондани амалиётҳои ҳарбӣ ва вусъат додани мустамликакунонӣ сохтмони хати роҳи оҳан аз димоғаи Михайловскии Туркманистон оғоз гардида буд, солҳои 1881 – 1898 роҳи оҳани Закаспий ва солҳои 1899-1905 роҳи оҳани Оренбург – Тошканд сохта шуд, ки ин роҳи оҳани умумирусиягӣ буд. Ҳамин тавр, иқтисодиёти Осиёи Марказӣ бо марказҳои саноатии Русия пайваст шуд. Барои сарзамини мазкур ин раванд як такони ҷиддӣ ба шумор мерафт, ки онро ба сӯи сармоядорӣ бо муносибатҳои прогрессивӣ мебурд. Ҳамчуноне, ки муҳаққиқ доир ба ин раванд фикри худро баён кардааст «самт ва характери тиҷорати осиёимарказигӣ тағйир ёфт». Тиҷорати байни Русия ва мулкҳои Осиёи Марказӣ махсусан хеле пеш рафт [9, 41-52]. Бо ба бозори умумирусиягӣ дохил шудани Осиёи Марказӣ, давлатҳои он ба доираи гумрукии империяи Русия низ дохил карда шуданд. Воридоти молу маҳсулотҳои хориҷӣ ба ин Осиёи Марказӣ пас аз ин раванд хеле маҳдуд ва оҳиста – оҳиста тамоман қатъ гардид.

Б.И. Искандаров дар асари мазкур доир фаъолияти бонкҳо ва ширкатҳои гуногуни тиҷоратии руссиягӣ дар Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла дар ҳудуди аморати Бухоро маълумотҳои ҷолиб ҷой додааст. Дар боло мо асоситарин бонкҳое, ки дар ин сарзамин фаъолият карданд дар боло номбар намудем. Бояд ёдовар шуд, ки то соли 1917 шумораи ташкилотҳои бонкӣ ба 72 адад расида буд. Аз ин миқдор 7 адад шуъбаҳои бонки Давлатии Русия, 45 адад ташкилотҳои 9 бонкҳои тиҷоратии Русия, ду адад агентӣ як бонки нимҳукуматии Русия ба ҳисоб мерафтанд. Дар ҳудуди имрузаи Тоҷикистон ягон бонк фаъолият намекард, аммо дар ин ҳудуд ҳам сармояи бонкӣ ворид шудааст. Ин амалиёт бо кумаки минёнравҳо (даллолҳо) дар навоҳии дурдаст амалӣ карда мешуд. Дар ин ҳудуд тоҷирон ва заминдорони калон имконият доштанд, то ки бевосита аз бонкҳои русиягӣ қарз гиранд. Масалан, 1 январи соли 1915 аз 440 нафар мизоҷони Шуъбаи Самарқандии бонки Давлатии Русия 101 нафарашон тоҷирони хуҷандӣ буданд [10, 76].

Дар асари номбурдаи олим фаъолияти қарздиҳии бонкҳои русиягӣ, ҳам бонки Давлатӣ ва ҳам бонкҳои тиҷоратии он ба таври фишурда маълумот дода шудааст. Б.Искандаров қайд мекунад, ки қарзи бонкӣ ба истеҳсолкунандагони хурд, аз ҷумла деҳқонон, на ин ки бевосита, балки ба воситаи Марказиравҳо, бо шартҳои хеле вазнин дастрас мешуд [11].

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки ҳанӯз солҳои 80-уми асри XIX дар Осиёи Марказӣ, миёни ташкилотҳои бонкӣ ва истеҳсолкунандагони хурд, аз ҷумла деҳқонон, аппарати диллерӣ (даллолӣ, миёнаравӣ) ба вуҷуд омада буд. Онҳо қарзро бо фоизи хеле баланд ба навоҳии дурдасти минтақа бурда, ба истеҳсолкунандагони хурд мерасониданд. Ҳамин даллолҳо ва аробакашҳо, боз дар маҳалҳо, аз ҷумла пахтаро аз деҳқонон харида, ба хӯҷаини худ рафоқат ё ширкат мерасониданд.

Доир ба амалиёти зинаи поёнии аппарати миёнаравҳо, яъне даллолҳо ва аробакашҳо муҳаққиқ маълумотҳои пурарзишеро дар асараш сабт намудааст. Масалан вай овардааст, ки аз 20 октябр то 1 декабри соли 1900 дар бозори Янгибозор (ҳозира шаҳри Ваҳдат) 290 қанор пахтаи америкоӣ ва 1180 ботман (1 ботман, мани бухороӣ = 8 пуд, = 131,044 кг.) ғӯза дохил шудааст, ки ҳамаи онҳоро намояндагони ширкатҳои гуногун харидаанд [12, 54]. Далели дигари муаллиф ин қайди Рафоқати Бухорои Шарқӣ аз 28 феврали соли 1916 мебошад. Мувофиқи он маълум мешавад, ки ин рафоқат дар бекигариҳои Қӯрғантеппа, Ҳисор, Шеробод, Бойсун, Кӯлоб, Қӯбодиён ва Деҳнав 90-100 ҳазор ботман ҳосили-пахтаи соли 1915-ро харидааст, ки 90%-и он пахтаи навъи америкоӣ ва 10%-и боқимондаро ғӯза ташкил мекардааст [13]. Пас маълум мешавад, ки пахтаи навъи америкоӣ, на танҳо дар водии Фарғона, балки дар Бухорои Шарқӣ ҳам ғӯзаро қариб аз муомилот баровардааст.

Б.И. Искандаров бонкҳоро дар шароити Осиёи Марказӣ аппарате кашонандаи сармоя аз Русия ба ин сарзамин мешуморид. Вай дар ин асараш мақоми асосиро дар ин самт ба бонки Муттаҳидаи русиягӣ медиҳад, ки дар Осиёи Маркази фаъолият мекарданд. Муаллиф дар ҷои дигари асари худ овардааст, ки бонки Русию Осиёгӣ, аз рӯи фаъолият нисбат ба ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ, ки дар Осиёи Марказӣ амал мекарданд, боло меистод.

Ҳамин тавр, ба соҳаи кишоварзӣ ворид шудани сармоя раванди хариду фуруши заминҳоро вусъат дода, дар водиҳои Фарғона, Зарафшон, Вахш ва ғ. он бештар мушоҳида мегардид. Ин раванд ҳатто, чуноне ки Б.И. Искандаров таъкид мекунад, ҳатто дар ноҳияҳои кӯҳистон, аз ҷумла соли 1907 дар Ҷиргатол мушоҳида гардидааст. Хариду фурӯши замин бошад ба воситаи пул сурат мегирифт [14, 24-32]. Бевосита маълум аст, дар натиҷаи чунин ҳолат замин бештар дар ихтиёри бойҳо ҷамъ шуда, мутаносибан шумораи деҳқонони безамин меафзуд.

Аз маълумотҳои сарчашмаҳои мухталиф ва асарҳои муаллиф, муҳаққиқони дигар маълум мешавад, ки вазъи мардуми меҳнаткаши Бухорои Шарқӣ боз ҳам вазнинтар буд. Қисми аз мардуми ин гӯша ҳамасола дар заводҳои пахтазоркунии шаҳрҳои калон - Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Фарғона, Қӯқанд ва ғайра мардикорӣ мекарданд, ки дар ин бора дар китоби номбурдаи Б.И Искандаров маводҳои зиёди хонданибоб ҷой дода шудааст.

Устод бо истифодаи ҳамаи сарчашмаҳои таҷҷасумкунандаи пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ хело муҳаққиқона истифода бурдааст. Б.И. Искандаров дар ин асари доир ба дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистони тошӯравӣ сар даровардани муносибатҳои сармоядорӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо маълумоти гаронбаҳо додааст. Аз навиштаҳои ва таҳқиқҳои олим маълум мешавад, ки дар ин ҳудуди дурдасти империяи Русия аллакай хоҷагии натуралӣ таназзул карда муносибатҳои сармоядорӣ ба амал омаданд. Аввал дар уезди Хуҷанд хоҷагиҳо бо роҳи сармоядорӣ

пеш мерафтанд ва сипас чунин тағйирот дар хоҷагиҳои водии Ҳисор ҳам мушоҳида мегардад. Ҳатто дар минтақаҳои кӯҳистон низ сар даровардани муносибатҳои молию пулӣ пай бурдан мумкин буд. Б.И. Искандаров ҳамчун муаррихи асл, ба сарчашмаҳои амиқи таърихӣ такя намуда, манобеъеро дар асараш ҷой додааст, ки бегуфтугӯ ҳолати ҳамонвақтаи ин сарзаминро воқеъбинона инъикос менамоянд, яъне муаллиф объективона равандҳои таърихиро сабт намудааст. Устод дар ҳақиқат тавонистанд, ки боз бо ин асари таърихии худаш принсипи объективияти омӯзиши илми таърихро исбот намоянд. Зеро вай дар монографияи худ «Трудный путь к знанию» соли 1999 овардааст: «Ман дар корҳои илмии худам кушиш мекардам, ки масъалаҳои мубрамро паси назар намонам... Барои муаррих на бояд исмҳо фаромушшуда, «доғҳои сафед» ва ҳамчунин айнакҳои сурх вуҷуд дошта набошанд» [15, 155].

Пас аз мутолиа ва таҳлили ин асари илмии академик як чизи муҳим аён мешавад. Дар Тоҷикистони тоинқилобии соли 1917 муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ниҳоят нобаробар ва ба таври мухталиф пеш мерафтанд. Чунин гуногунии рушди муносиботи хоҷагидорӣ дар Бухорои Шарқӣ (аксари ҳудуди Тоҷикистони имрӯза) барои инкишофи минбаъдаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар мусоидат мекард. Таърихи инсоният давраҳои бисёри гузаришро аз як сохтор ба сохтоори дигари ҷомеа медонад ва дар саҳифаҳои минбаъдаи таърихи Тоҷикистон низ мо инро ба хубӣ мушоҳида мекунем. Ба рушди бомароми иқтисоди кишвар дар замони Шурвӣ нигоҳ накарда, аз солҳои 70 – уми асри XX ин нобаробарии сатҳи инкишофи ҷумҳуриро мо мушоҳида мекунем. То ҳамин давра дар ҷумҳурии мо инфрасохтори зарурии ҷомеаи сотсиалистӣ сохта нашуд. Вилоятҳои ҷумҳурӣ дар мӯҳлати тулонӣ аз маркази маъмурӣ – пойтахт ва аз ҳамдигар канда буда, ягон алоқаи хоҷагидорӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ надоштанд. Аз ин лиҳоз омӯхтани масъалаи дараҷаи инкишофи муносибатҳои сармоядорӣ ва гузариш аз ин муносибат ба сотсиализм аз аҳамият холӣ нест. Устод дар хотираҳояш арз мекунад: «Аммо маро ҳақиқати содда мустаҳкам кард: бе донистани гузашта, бе эҳтироми умқӣ ва муносибати эҳтиёткорона ба он ҳозирaро фаҳмида намешавад ва ояндаро пешгуӣ карда намешавад... « [16, 154]. Дар шароити муосири гузариш ба иқтисоди нави бозаргонӣ ин мавзӯъ хеле актуалӣ хоҳад буд, барои ҳамин омӯхтани амиқи он дар айни замон хеле муфид аст. Пас гуфтан мумкин аст, ки асари мазкури олим дар баробари дигар асарҳояш, барои омӯхтани таърихи халқи тоҷик аҳамияти хеле калон дорад.

**Адабиёт**

1. Из истории дореволюционного Таджикистана./ Отв. Ред. С.А. Раджабов.-Душанбе. Дониш, 1974.- 76 с.
2. Искандаров Б.И. Трудный путь к знаниям. МГУ.-1999. -С.155.
3. Искандаров Б.И. Бухара (1918-1920гг.) «Дониш» - Душанбе,-1970. -С.17.
4. Искандаров Б.И. Аз Таърихи ҷоришавии муносибатҳои капиталистӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистони тоинқилобӣ (дар нимаи дуюми асри XIX) / Муҳаррир Х.Саидмуродов; АИ Тоҷикистон, Институти таърих ба номи А.Дониш.-Душанбе: Дониш.-1976.-143 с.
5. Об одном историческом факте: (Из истории торговых отношений Россия и Средний Азии)// Изв. АН Тадж ССР-1969. №3-С.41-52.
6. Раҳматов И. Асари нави олим. Бадахшони Советӣ.-1977.-14 октябр.

7. Рахматов И. Муносибатҳои капиталистӣ ва оқибатҳои он // Садои Шарқ. 1979-№1.-С.153-156.
8. Шагалов Е. Экономика дореволюционного Таджикистана// Вечерный Душанбе.-1976.-10 июнь.
9. Элементҳои капиталистӣ дар иқтисодиёти Бухорои Шарқию Помир ва ба вуҷуд омадани заминаҳои револютсия// Коммунисти Тоҷикистон.1958.-№5.-С. 24-32.

**КАРАМАЛИШОЕВ К.Н.**

## ВЗГЛЯД АКАДЕМИКА Б.И. ИСКАНДАРОВА НА ПРОБЛЕМУ ВОЗНИКОВЕНИЯ КАПИТАЛИСТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ В ВОСТОЧНОЙ БУХАРЕ (Х1Х в.)

В статье даются сведения об исследованиях академика Б.И Искандарова по вопросу возникновения капиталистических отношений в Средней Азии, особенно на территории Восточной Бухары и современного Таджикистана в Х1Х в. Эта проблема рассмотрено на основе работы ученого «Из истории проникновения капиталистических отношений в экономику дореволюционного Таджикистана: вторая половина Х1Х в.» выпущенная в 1976 году. Приведены основные сведения и факты показывающие признаки возникновения капиталистических отношений на территории Таджикистана. Автор также использовал другие труды учёного и других исследователей. В статье также говорится о социально-экономической жизни региона. Показана актуальность темы в переходной период.

Рассмотрена о деятельность российских банков, промышленных предприятий и фирм, а также строительство железных дорог, развитие сельского хозяйства, капиталовлажения и других фактов возникновения капиталистических отношений.

**Ключевые слова:** капитализм, банк, дилер, хлопок, ремесло, торговля, хозяйство, экономика, социализм, кредит, общество, промышленность, капитал, сельское хозяйство, транспорт.

**KARAMALISHOEV K.N.**

## ACADEMICIAN B. I. ISKANDAROV ABOUT PROBLEM OF THE ARISING BOURGEOIS RELATIONS IN EAST BUKHARA

In article is given information about the research of the academician B.I Iskandarov on the origin of bourgeois relations in CENTRAL ASIA, particularly on the territory East Bukhara and modern Tajikistan in X1X a. This problem is considered on the base of his work «From history of the penetration bourgeois relations in economy prerevolutionary Tajikistan: the second half XIX c.n.» released in 1976. The main information and facts showing signs of origin of bourgeois relations on the territory of Tajikistan. The author also use other works and other researchers. In article is also speak about social-economic life of the region. Urgency of the subject is shown in connecting period.

It is also said about activity of Russian banks, industrial enterprise and companies, construction of the railways, developments agriculture, investment and the other fact of the origin of bourgeois relations.

**Key words**: capitalism, bank, dealer, pat, craft, trade, facilities, economy, socialism, credit, society, industry, capital, agriculture, transport.